# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа ва 6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ), 6D020600 – диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) ва оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм аз рӯйи ихтисосҳои 09.00.00 - Фалсафа (09.00.03 – Таърихи фалсафа, 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ ва 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ), ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шудааст:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Нуриддин Саид (09.00.03 - таърихи фалсафа), раиси комиссия;

–доктори илмҳои фалсафа, профессор Қодиров Каримҷон Барфакович аз рӯйи ихтисоси (09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо;

–доктори илмҳои фалсафа, профессор, Диноршоева Зарина Мусоевна (09.00.14 – фалсафаи дин ва диншиносӣ), аъзо.

Натиҷаи экспертиза нишон дод, ки **мубрамияти мавзуи диссертатсияи** Салимов Аслиддин Иномҷонович «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» аз он бармеояд, ки он ба масъалае бахшида шудааст, ки аҳаммияти он имрӯз хам дар сатҳи ҷаҳонӣ, хам минтақавӣ ва ҳам барои давлатҳои алоҳидаи миллӣ бо сабаби ҷаҳонишавии иктисодиёт ва фарҳангу иҷтимоиёт беш аз пеш афзун гаштааст. Чунонки худи муаллифи рисола низ таъкид доштааст, дар ҷаҳони муосир, ки шароити ҳаётии одамон на танҳо нисбат ба қарнҳои гузашта,

балки ҳатто дар қиёс бо якчанд даҳсолаҳои пешин низ куллан дигаргун гаштааст, зарурати фаҳмиши нави мафҳумҳои “адолат” ва “адолати иҷтимоӣ” бо такя ба мафҳумҳои тавъам бо он буда, яъне “баробарӣ” ва “озодӣ” ба миён омадааст. Дар воқеъ, имрӯз нобаробариҳое, ки байни Шимол ва Ҷануб, Шарқ ва Ғарб, бузургдавлатҳо ва давлатҳои кӯчак, кишварҳои пешрафта ва давлатҳои рӯ ба инкишоф ва амсоли он ба вуҷуд омадааст, талаб мекунанд, ки дар сатҳи байналмилалӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд, то баробарии тамоми давлатҳои узви СММ, ки дар санадҳои байналмилалӣ эълон гардидааст, амалан низ дар ҳаёти рӯзмарраи халқҳои тамоми гӯшаву канори олами таҳти фишори ҷаҳонишавӣ қароргирифта таъмин карда шавад. Ин далел омӯзиши таҷрибаи ҷаҳониро дар самти расидан ба адолат ва таъмини баробарии иҷтимоӣ, ки дар осори мутафаккирони гузаштаи ҳам Ғарбу ҳам Шарқ инъикос гардидааст, тақозо мекунад, зеро татбиқи амалии афкору андешаҳои ратсионалие, ки оид ба ин мавзуъ онҳо баён доштаанд, яке аз усулҳои асосии расидан ба адолати иҷтимоӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Ин ҳама мубрамияти масъалаеро, ки дар диссертатсияи ташхисшаванда гузошта шудааст, аз нигоҳи вазъи иҷтимоӣ дар ҷаҳони муосир таъкид месозад ё худ, чунонки дар диссертатсия омадааст, “масъалаи баробарии иҷтимоӣ ва адолат чун арзишҳои умумиинсонӣ имрӯз ҳам барои кулли инсоният мубрам боқӣ мемонад”.

Аз ҷониби дигар, мубрамияти мавзуи диссертатсияи ташхисшавандаро бо вазъи кунунию иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудан имкон дорад. Дар ин росто муаллифи диссертатсия барҳақ қайд мекунад, ки ақидаҳоро оид ба адолат бо такя ба баробарии иҷтимоӣ ва озодӣ дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ, хусусан, дар таълимоти динӣ ва фалсафии тоҷикони бостон ва осори фалсафию динии мутафаккирони асримиёнагии тоҷик таҳқиқ намуда, ғояҳои зиёдеро барои бунёди ҷомеаи демкоратӣ ва ҷомеаи адолатпарвар, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи сиёсӣ ва иҷтимоии давлати соҳибистиқлоли миллати тоҷик эълон шудааст, метавон пайдо намуда,

мавриди истифодаи амалӣ қарор дод. Ин амал бо сабаби он имконпазир аст, ки мутафаккирони гузаштаи миллати тоҷик хосияти диалектикии моҳият ва зуҳуроти мафҳумҳои адолату баробарии иҷтимоиро дарк намуда, на фақат афкору андешаҳои утопиявӣ, балки, чунонки худи муаллифи диссертасия низ қайд намудааст, "назарияҳои ба ҳаёти амалии халқҳо наздикӣ дошта"-ро низ аз дидгоҳҳои гуногун, хусусан, аз нигоҳи ахлоқӣ, ба миён гузоштаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик на танҳо масъалаи мубрам, балки як таҳқиқи саривақтӣ дар ин самт, ки аҳаммияти назариявию амалӣ дорад, маҳсуб мешавад.

**Муҳтавои диссертатсия** дар ду боб ва шаш фасл инъикос ёфта, дар онҳо нуктаи назари мутафаккирон ва муҳаққиқони зиёде оид ба мафҳумҳои "адолат", "адолати иҷтимоӣ", "баробарӣ", "баробари иҷтимоӣ", "озодӣ" ва мафҳумҳои дигари ба онҳо рабтдошта мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд. Дар ин росто дар диссертатсия воқеъбинона қайд шудааст, ки ҳангоми дар бораи баробарии иҷтимоӣ ҳамчун як навъ "мусовишавӣ", "якхелашавӣ" ва ё "якрангӣ" дар ҳаёти ҷомеа сухан гуфтан, ногузир дар бораи адолат ва озодӣ низ андешаронӣ намудан зарур аст, зеро "адолат таносуби баробарӣ ва озодӣ буда, ҳар қадар, ки баробарии иҷтимоӣ таъмин гардад, ҳамон қадар озодӣ маҳдуд мегардад ва ҳар қадар, ки озодиҳо зиёд гарданд, то ҳамон андоза ба баробарии иҷтимоӣ халал ворид карда мешавад".

Дар диссертасия таълимоти зардуштия оид ба озодӣ, адолат, баробарӣ, ки аз нигоҳи ахлоқӣ-иҷтимоӣ ин масъалаҳоро инъикос намудааст, мавриди таҳлил қарор гирифта, зикр мегардад, ки маҳз ҳамин гуна андешаҳо оид ба пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек дар ин дини бостонии тоҷикон буданд, ки ҳанӯз дар асри шашуми томелодӣ Куруши Кабир тибқи эъломияи машҳури худ баробарии динию мазҳабии тамоми сокинони империяи Ҳахоманишинҳоро таъмин намуд. Ин андешаҳои зардуштияро идома дода, минбаъд монавия дар даврони бостонӣ ҳуқуқи инсонро бо таъмини адолат вобаста ҳисобид, ки тибқи

он дастёбӣ ба баробарии ичтимоӣ ва озодии фардӣ аз омилҳои муҳимтарини он маънидод мешаванд. Ин ду таълимот ба андешаҳои маздакия таъсири бевосита расонида, тибқи таҳлилҳое, ки дар диссертасия гузаронида шудаанд, барои фаҳмиши баробарӣ дар сиёсат, дин, ахлоқ, ҳуқуқ ва аз ҳама муҳим, дар муносибатҳои иқтисодӣ оварда расониданд, ки он баробарӣ на танҳо дар имконият, балки дар натиҷа ҳам арзёбӣ мешавад.

Муаллифи диссертатсия масъалаҳои озодӣ, башардустӣ, баробарҳуқуқӣ ва идея дар бораи ҳокими одилро ҳамчун асоси таълимоти машшоия оид ба баробарии ичтимоӣ дар мисоли ақидаҳои Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба мавзуи мазкур иброз намудааст. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки Форобӣ, аз як ҷониб, баробарии ичтимоӣ ва адолати ичтимоиро бо меъёрҳои объективӣ ва субъективӣ таҳлил намуда, аз ҷониби дигар, баробарии иқтисодиро муҳимтарин омили муайянкунандаи сарнавишти ҷомеа донистааст, ки барои таъмини он дар баробари мавҷудияти ҳокими одил, тақсимоти одилонаи неъматҳои моддӣ, инчунин баланд бардоштани ҳисси масъулияти ҷомеа тавассути эҳё ва рушди андешаҳои ахлоқӣ ва ақлонӣ зарурат дорад. Ибни Сино низ бо пешниҳоди ақидаҳо дар бораи ҳокими одил, тадбири нафси шахс, таъмини баробарии марду зан дар хонавода ва амсоли он масъалаи таъмини баробарии ичтимоиро ҳаллу фасл намудан хоста, ҳамоҳанг набудани рафтори субъектҳои ҷомеаро омилҳои риоя нагардидани принсипҳои адолат ва баробарии ичтимоӣ меҳисобад. Аз ин рӯ, ба ақидаи муаллифи рисола, Ибни Сино, қабл аз ҳама, ислоҳ кардани фардҳои алоҳидаро ҳамчун роҳи муътамад барои таъмини адолату баробарии ичтимоӣ дар ҷомеа арзёбӣ мекунад.

Дар фалсафаи калом низ, ки он дар диссертасияи тақризшаванда дар асоси таълимоти ду намояндаи он – Абуҳомиди Ғаззолӣ ва Абумансури Мотуридӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, муаллифи рисола ақидаҳои ҷолиброоид ба баробарии ичтимоӣ пайдо ва дар асоси онҳо

хулосабарориҳои асоснок намудааст. Муаллиф таъкид медорад, ки намояндагони фалсафаи калом масъалаи баробарӣ ва адолатро яке аз мавзуъҳои хеле муҳим шумурда, андешаҳои онҳо дар ташаккули шартҳои қоидаю қонуният дар муҳити иҷтимоӣ, робитаи байни ахлоқ ва қонун ҳамчун омилҳои таъмини баробарии иҷтимоӣ арзишманд мебошанд. Аммо муҳаққиқ одилона зикр мекунад, ки дар таълимоти калом ҷанбаҳои ахлоқӣ ва динии талошҳо барои таъмини баробарии иҷтимоӣ ва тавассути он ба ҷомеаи ормонӣ расидан афзалият пайдо кардаанд

Проблемаи адолатӣ иҷтимоӣ ва баробариро дар таълимоти исмоилия, аз ҷумла, дар осори Носири Хусрав таҳлил намуда, дар диссертатсия таъкид мегардад, ки дар таълимоти онҳо оид ба ин масъалаҳо ақидаҳои динӣ ва фалсафӣ вуҷуд дошта, онҳо адолату баробариро ҳамчун заминаи ҳамзистии одамон дар ҷомеа, ягонагии фардӣ ва коллективии онҳо дар ҳаёт шинохтаанд. Носири Хусрав дар адешаест, ки баробарии иҷтимоӣ на танҳо тавассути ахлоқ, балки ба воситаи расму оинҳо, анъанаҳо, дин, ҳуқуқ ва муносибатҳои сиёсӣ таъмин ва ҳифз карда мешавад. Таълимоти ин мутафаккир дар бораи адолат ва баробарӣ минбаъд ба тасаввуроти мутафаккирони дигар дар бораи падидаҳои мазкур таъсири бевосита расонидааст. Аз ҷониби дигар, бо сабаби норасоиҳо дар муҳити иҷтимоии худ, Носири Хусрав натавонистааст, ки андешаҳояшро оид ба ин масъалаҳо пурра ва ба таври ошкоро баён намояд.

Муаллифи диссертатсия идеяи баробарии инсонҳоро дар тасаввуф ва таълимоти ахлоқӣ бо ҷалби далелҳо аз таълимоти Унсурулмаолии Кайковус, Ҳусейн Воизи Кошифӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ баррасӣ намудааст. Дар натиҷаи ин муаллифи рисола ба хулосае мерасад, ки идеяҳои Кошифӣ ва Кайковус оид ба ин масъала дар доираи принсипҳои ахлоқ ва маънавиёт баён гардида, онҳо ахлоқро муъҷизае меҳисобанд, ки дар тамоми замону макон ва дар кулли шаклҳои тартиботи ҷамъиятӣ барои таъмини баробарии иҷтимоӣ нақши асосиро

мебозад. Ҳамадонӣ бошад, миёни муносибатҳои динӣ ва сиёсӣ алоқамандиро ворид намуда, онро роҳи расидан ба ҳамдигарфаҳмии одамон ва таъмини адолату баробарӣ дар ҷомеа маънидод мекунад. Давлат низ барои Ҳамадонӣ ҳамчун асоситарин дастгоҳи дифоъкунандаи ҳуқуқҳои табиӣ ва амалишавии орзуҳои умумиинсонӣ дар ин самт нақши муҳимро ба иҷро мерасонад. Мутафаккири дигари суфимашраб - Абдураҳмони Ҷомӣ ақидаҳои ҷолиб оид ба ҷомеаи ормонӣ ва инсони идеалӣ дар достони худ "Хирадномаи Искандарӣ" баён намуда, боварӣ дорад, ки маҳз дар чунин ҷомеа баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва имкониятҳои одамон барои дастёбӣ ба он дар чунин ҷомеа барои ҳама баробар фароҳам оварда шудааст. Дар асоси ин муаллифи диссертатсия ба чунин хулоса мерасад, ки баробарии инсонҳо дар таълимоти Ҷомӣ "ҳам дар имконият ва ҳам дар натиҷа аст: одамон баробар кор мекунанд ва баробар музд мегиранд, ҳеҷ кас болотар аз касе нест".

Дар маҷмуъ, маводе, ки дар рисола оварда шуда, мавриди таҳлил қарор гирифтааст, собит месозад, ки диссертант асосан аз сарчашмаҳое истифода намудааст, ки масъалаи баррасишавандаро оид ба баробарии иҷтимоӣ фаро мегиранд. Дар натиҷаи ин диссертант дар рисолаи худ исбот намудааст, ки аксарияти кулли андешаҳои мутафаккирони даврони бостонӣ ва асримиёнагӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик аҳаммияти назариявию амалӣ дошта, истифодаи онҳо дар даврони муосир низ дар амалияи иҷтимоӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Доир ба **арзишмандии таҳқиқоти диссертатсионии** ташхисшаванда зикри нуктаҳои зерин муҳим аст: муқаддимаи таҳқиқот тамоми нуктаҳоеро, ки ҷиҳати барасмиятдарории рисолаҳои номзадӣ зарур аст, фаро гирифта, дар он тибқи талаботи мавҷуда дастгоҳи илмии таҳқиқот пайдарҳам пешниҳод ва мафҳуму категорияҳои калидӣ оид ба мавзуи баробарии иҷтимоӣ кушода шудаанд; масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва истифодаи методҳо дар таҳқиқот ба пуррагӣ шарҳ ёфта, ба вазифаҳои рисола мувофиқат мекунанд; муаллифи рисола аз

таҳқиқоти асосие, ки доир ба мавзуи матраҳшуда дар илми ватанӣ ва кишварҳои хориҷии дуру наздик гузаронида шудаанд, ба таври самаранок истифода намудааст.

**Навгониҳои таҳқиқот** ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар диссертатсия ба таври мушаххас нишон дода шуда, асосан аз инҳо иборатанд:

- бори аввал масъалаи баробарии иҷтимоӣ дар афкори файласуфони тоҷик дар маҷмуъ ва ҳамчун мавзуъ дар алоҳидагӣ (на дар доираи масъалаи адолати иҷтимоӣ) таҳқиқ шуда, собит карда шудааст, ки нуқтаҳои назари мутафаккирон перомуни баробарӣ мухталиф буда, аз ҷумла, дар таълимоти маздакия баробарии инсонҳо дар имконият ва натиҷаҳои иқтисодӣ асоси онро ташкил медиҳад;

- муайян карда шудааст, ки таъмини баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти намояндагони машшоияи шарқӣ асосан аз ҳокими одил вобаста мебошад;

- натиҷагирӣ шудааст, ки идеяҳо доир ба навъҳои гуногуни баробарӣ дар таълимоти Форобӣ ва Ҷомӣ дар шакли утопиявӣ баён шудаанд;

- хулосабарорӣ карда шудааст, ки Ғазолӣ, Мотуридӣ ва Ҳамадонӣ идеяҳои диниро аз нигоҳи адолат, ақл, фаросат, хирад, баробариву бародарӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ шарҳ додаанд;

- исбот карда шудаст, ки аксарияти идеяҳо оид ба баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷик гарчанде дар шакли ормонӣ зуҳур карда бошанд ҳам, аммо заминаи воқеӣ ва аҳаммияти башардӯстона доранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он моҳияти афкори таълимоти динӣ-фалсафӣ ва мутафаккирони бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик оид ба масъалаи баробарии иҷтимоӣ кушода шуда, имконияти истифодаи онҳо дар амалияи муосири иҷтимоӣ нишон дода шудааст. Дар асоси хулосабарориҳои муаллифи рисола

ақидаҳои фалсафию иҷтимоии мутафаккирони тоҷику форсро муҳаққиқони дигар минбаъд метавонанд бо мақсади таҳқиқи ҷамъбастӣ оид ба таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсатшиносӣ ва таҳияи маводи таълимӣ мавриди муҳокима ва омӯзиш қарор диҳанд. Маводи таҳқиқотиро инчунин метавон дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон истифода намуд.

Матни рисолаи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик»-ро таҳлил намуда, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки диссертант масъалаҳои баробарӣ ва адолати иҷтимоиро ҳамчун категорияҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ ва инъикоси онҳоро дар таълимоти динӣ ва фалсафии тоҷикони бостон, машшоия, калом, исмоилия, тасаввуф ва таълимоти ахлоқӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, аз баррасии онҳо хулосаҳои асоснок баровардааст ва барои истифодаи онҳо дар илм ва амалияи иҷтимоӣ тавсияҳои муҳим пешниҳод намудааст.

Дар натиҷаи ташхиси таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳайати комиссия ба чунин **хулоса** омад:

1. Диссертатсияи ташхисшаванда ба талаботи таҳқиқоти илмӣ дар самти ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа ҷавобгӯ буда, дар он моҳияти мафҳуми баробарии иҷтимоӣ ва категорияҳои дигари ба он иртиботдошта воқеъбинона кушода шудааст ва афкору андешаҳои дар таълимоти динӣ ва мутафаккирони алоҳидаи аҳди бостон ва асрҳои миёна мавҷудбуда ба таври дуруст инъикос ва таҳлил гардидаанд. Сарчашмаҳо ва таҳқиқоти илмии дар диссертатсия мавриди истифода қароргирифта ба доираи мавзуи матраҳшуда мувофиқ буда, бо истифода аз онҳо ва аз методологияи илмии мувофиқ муаллиф таҳлили воқеии масъаларо аз нигоҳи фалсафӣ анҷом дода, аҳаммияти назариявӣ ва амалии идеяи баробарии иҷтимоиро дар фалсафаи тоҷику форс дар аҳди бостон ва даврони асримиёнагӣ ва аҳаммияти онро барои илм ва амалияи муосир нишон додааст.

2. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пурра мувофиқат дорад.

3. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат намуда, нуктаҳои асосии онро инъикос мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳои Салимов Аслиддин Иномҷонович дар 5 мақолаи илмии ӯ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, инъикос ёфта, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Пешниҳод карда мешавад, ки барои баррасии диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи техникии Тоҷикистон бо номи академик М.С. Осимӣ таъйин карда шавад.

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

Султонзода Соқӣ Аслон – доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи забони франсавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ;

Азизов Комил Ҷурахонович – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мубориза бо корупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

7. Барои ворид намудани диссертатсия ва автореферати он, инчунин эълони ҳимоя дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

8. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия бо дарназардошти риояи тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи авторефератҳо иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Нуриддин Саид

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор Қодиров Каримҷон Барфакович

доктори илмҳои фалсафа,
профессор Диноршоева Зарина Мусоевна

18.09.2023